## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ниёзова Маҳина Тешаевна дар мавзӯи "Муқоисаи шахсияти Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик)пешниҳод гардидааст.**

Навиштани як диссертатсияи илмӣ заҳмати зиёдро талаб мекунад ва бахусус, агар меҳвари пажӯҳиш шахсияти оламшумуле чун Абӯалӣ ибни Сино қарор гирифта бошад. Шахсиятҳое, ки илму ҳунарашон ҳаргуна марзҳои ҷуғрофӣ ва сиёсиро қабул надорад, ҳама вақт ва ҳамеша мавриди пажӯҳишу ковишҳои илмии ҳар халқу миллат, ҳар соҳаи илму фарҳанг қарор мегиранд. Аз ин ҷост, ки дар мавриди илму ҳунари шахсияте чун Абӯалӣ ибни Сино андешаи тозаеро барои аҳли илм пешниҳод намудан кори басо мушкил мебошад.

Унвони барои кори илмӣ интихобкардаи Ниёзова Маҳина Тешаевна - "*Муқоисаи шахсияти Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ*" аз ҷиҳати мавзӯъ, ки андешаи нав ба назар расид, боиси ҷалби таваҷҷуҳи ман гардид. Аз суҳбатҳои чандбора бо унвонҷӯй маълум гардид, ки масъалаҳои ҷудогонаи мавзӯи пажӯҳиш тайи солҳои зиёд муқоисаву таҳлил гардиданд ва маводи зарурӣ барои як диссертатсияи илмӣ фароҳам оварда шудааст. Бар замми ин, унвонҷӯй Ниёзова Маҳина дар хусуси паҳлӯҳои гуногуни масъалаи мавриди пажӯҳиш маълумоти кофӣ дошт ва усулу роҳҳои таҳлили илмии ин қабил масъалаҳоро ба таври пурра медонист. Ягона чизи барои пешрафт ва анҷоми кори илмӣ зарур, ин роҳнамоии унвонҷӯй барои дуруст ба роҳ мондани таҳлили маводи ҷамъовардашуда ва таъмини алоқаи мантиқии бобҳо ва қисматҳои пажӯҳиш буд, ки бевосита аз тарафи ман чун роҳбари илмӣ пешниҳод гардид.

Тадқиқоти илмие, ки аз тарафи Ниёзова Маҳина барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология пешниҳод шудааст, аз чанд ҷиҳат барои илми филологияи тоҷик, хосса барои самтҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, арзиши илмӣ дорад.

Пеш аз ҳама, муаллифи диссертатсия усули нави таҳлили шахсиятро дар тадқиқоташ истифода бурдаст, ки он бар нақлу ривоятҳо, шеъру достонҳо ва ҳикояву романҳо такя дорад. Ба ибораи дигар, дар диссертатсия шахсият, сувар, симо, хулқу хисол ва муносибату муомилаи Абӯалӣ ибни Сино дар асос ва заминаи ривоятҳои мардумӣ, ёддоштҳои шогирдону ҳамзамонон ва инчунин, осори бадеии шоирону нависандагони баъдина таҳлил ва муайян гардидааст. Бо боварӣ метавон зикр кард, ки дар заминаи ривоятҳои мардумӣ

таҳлил намудани мусаввара ва шахсияти Абӯалӣ ибни Сино маҳз дастоварди муаллифи диссертатсия ҳамчун як дастоварди таҳқиқотӣ шинохта мешавад.

Дуюм, таҳлили анҷомшудаи илмӣ дар диссертатсия яктарафа нест ва мазмуну мавзӯоти нақлу ривоятҳо бо ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти шоир дар муқоиса гузошта шудаанд. Чунин тарзи таҳлил арзиши илмии диссертатсияро дар ду самт тақвият мебахшад: якум, заминаҳои таърихӣ ва воқеии аксари ривоятҳо ташхис гардидаанд ва дуюм, қонунияти сайри таърихии ривоятҳою ҳодисаҳои таърихӣ, дар мисоли ҳаёту фаъолияти Сино, ба мушоҳида гирифта шудааст.

Сеюм, таҳлил ва муқоисаи маводи зиёди ривоятӣ муаллифи диссертатсияро ба натиҷае овардааст, ки ривоятҳои халқӣ муҳимтарин воситаи таъмин ва интиқоли маълумот дар бораи Сино ҳисоб шуда, маводи муътамад барои офариниши мусаввараи ӯ дар ашъори бадеӣ мебошад.

Чорум, тадқиқоти анҷомшуда, аз як тараф, барои омӯхтани тарафҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият, рафтор ва муносибат, ҳунару истеъдоди Абӯалӣ ибни Сино маводи хуби таҳлилиро пешниҳод кунад, аз тарафи дигар, он чун роҳнамо ва намуна дар ташхиси образи симоҳои дигари машҳури фарҳангу адаби тоҷик хизмат карда метавонад.

Ҳар як маҳсули эҷод, чӣ кори илмӣ бошад ва чӣ асари бадеӣ, то андозае хислату муносибати муаллифашро инъикос мекунад. Диссертатсияи илмии унвонҷӯй Маҳина Ниёзова низ бозгӯгари муносибати муаллиф ба масъалаи таҳқиқ буда, заҳмати чандинсолаи ӯро муаррифӣ намудааст. Қариб 10 сол аст, ки мавсуф дар самти ҷамъоварию таҳлили ривоятҳо дар мавриди ҳолу аҳволи Ибни Сино кор мекунад. Маҳсули заҳматашро зиёда аз 10 мақолаи илмӣ ва як монография, ки аз солҳои 2011 сар карда дар маҷаллаҳои илмии кишвар, аз ҷумла маҷаллаҳои дар феҳристи Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия қайдшуда интишор ёфта буданд, ташкил медиҳад. Хислатҳои содиқона анҷом додани ҳар кор, муносибати ҷиддӣ дар анҷоми ҳар як супориш ва истифодаи оқилона аз маслиҳати роҳбару ҳамкорон, ки хоси Ниёзова Маҳина аст, дар кори анҷомдодааш таъсири хубе гузоштаанд. Диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷиҳати дарбаргирии масъалаи асосӣ ва таҳлили бобҳову қисматҳояш тадқиқоти нахустини илмӣ ба шумор рафта, раванди ҳалли вазифаҳо ва натиҷагириҳо муаллифи онро чун як муҳаққиқи баркамоли илми адабиётшиносӣ муаррифӣ мекунанд.

Ниёзова Маҳина Тешаевна ҳамчун инсон меҳрубон, хушмуомила ва дар мавридҳои зарурӣ дастгири дӯстону ҳамкорон буда, ҳамчун муҳаққиқ нисбат ба талаботу заҳматҳои пажӯҳиш нотарсона муносибат мекунад. Хоксорона қабул кардани пешниҳодҳо ва маслиҳатҳо ва дар доираи талаботи пажӯҳиши

хеш таҳлил намудани онҳо яке аз ҳунарҳои камназири пажӯҳишгаронаи Ниёзова М.Т. ба шумор меравад.

Ҳамчун роҳбари илмӣ ман бо итминони комил тасдиқ мекунам, ки диссертатсияи Ниёзова Маҳина Тешаевна - "*Муқоисаи шахсияти Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ*" ба тамоми талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мебошад.

**Доктори илми филология, сарходими шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АИ ҶТ.** **Охониёзов Варқа Дустович**

*ш.Хоруғ, кӯчаи Усмон Холдоров 2.*
***Тел.: 93 534 3846***
***Почтаи эл.: shuwoz@mail.ru***

Имзои доктори илми филология, сарходими шӯъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон Варқа Дустович Охонниёзовро тасдиқ мекунам.

Ш. С. Некушоева – мудири шӯъбаи кадрҳои Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АИ Ҷ Т

ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ БА НОМИ АКАДЕМИК Б.И. ИСКАНДАРОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

6.06.2018